**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Муносибати босалоҳият ба таҳсилоти касбӣ ва такмили ихтисос ҳам ба дурнамои иҷтимоӣ дар соҳаи маориф ва ҳам ба манфиатҳои иштирокчиёни раванди таълим мувофиқат мекунад. Бо таҳияи мафҳумҳои дар илм муқаррар гардида, дар раванди такмили ихтисос доираи равиши салоҳиятнокӣ ба рушди салоҳияти касбии омӯзгор равона карда мешавад. Дар ин самт таъминоти ташкилию технологии ҷараёни баландбардории тахассуси омӯзгор дар асоси тақсимоти салоҳиятҳои махсус, умумӣ ва асосӣ, ки сатҳи баланду самаранокии фаъолияти касбию педагогии омӯзгорро кафолат медиҳанд, ин ҷо мо мехоҳем, системаи ягонаи гузоштани ҳадаф ва интихоби мундариҷаро маънидод намоем.

Аз мушоҳидаву таҳлилҳои мухтасари аз ҷониби мутахассисону муҳаққиқон гузаронидашуда маълум гардид, ки барои муайянкунии баъзе салоҳиятҳои касбии омӯзгор онҳо ба мафҳуми мазкур асосҳои гуногуну ғояҳои мантиқию маъногиро зам менамоянд. Зимни тафсири салоҳияти касбии омӯзгор мавқеи муайяни муаллифон, ки бо фарзияҳои гуногун асоснок карда шудаанд, маҳфузанд. Бинобар ин, эҳтимол аст, ки салоҳияти касбӣ – мавзӯи якчанд тадқиқоти илмӣ буда, наметавон онро бо як мазмун қобили қабул донист ва таҳқиқи мукаммали онро дар меҳвари як рисола гунҷонид. Дар натиҷа ба назари мо дар ин самт рақобати мафҳум не, балки мафҳуми ягонаи салоҳияти касбӣ дар диди гуногунҷабҳаи проблемаи мазкур зарур аст.

Таҳқиқоти Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ҳамин масъалаи басо муҳиму мубрами рӯз бахшида шудааст.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳамияти мавзӯи баррасишавандаро бо далелу бурҳони амиқ хеле хуб асоснок намуда, объекту предмет, ҳадафи таҳқиқро возеҳ муайян намуда, аҳамияти истифодабарии таҷрибаи

бисёрсолаи педагогиро дар таълиму тарбия изҳори назар намуда, андешаҳои хешро бо афкори классикони илми педагогика асоснок намудааст.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълими мактаббачагони хурдсол муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои ба даст омада, мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Боби якуми рисола "Асосҳои назариявии салоҳияти касбӣ дар муносибати ангезандагӣ ҳамчун талаботи асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ" буда, муаллиф сараввал баҳри равшанӣ андохтан ба моҳияти мавзӯъ, маъно ва моҳияти мафҳумҳои "салоҳияти касбӣ", "кордонӣ", "касбият", "омодагии касбӣ", "маҳорати педагогӣ", "дараҷаи ихтисос", "салоҳият" -ро тавсиф намуда, оид ба шароити густариш, сайри таърихӣ ва таҳаввулоти онҳо изҳори андеша намудааст.

Боби дуюми рисола, ки "Технологияи мукаммалгардонии мазмун ва сифати чорабиниҳо оид ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва шаклгирии муносибати ангезандагӣ" номгузорӣ шудааст, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввали боби дуюм муаллиф оид ба самтҳои самаранокии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки дар замони имрӯза ба вуҷуд омадаанд ва аҳамияти он дар шароити нави таълим муҳокимаронӣ намуда, дар асоси талаботи даврони нав ба ташаккули салоҳияти касбӣ ва аҳамияти маърифативу тарбиявии фаъолияти мутшаккилона хулосаҳои дуруст баровардааст.

Ниҳоят, дар боби мазкур муаллиф роҳҳои ба ҳадаф расидани татбиқи амалии мавзӯи таҳқиқотро пешниҳод намудаст, ки бешубҳа, дар беҳтар шудани сифати донишазхудкунии насли наврас аҳамияти калон дорад.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба тарбияи ахлоқии мактабиён, банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ пухта кор карда шудааст.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст. Автореферати диссертатсия мундариҷаи асосии рисолаи тадқиқотии муаллифро инъикос менамояд.

Унвонҷӯй Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда аст.

Тақриздиҳанда
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология ва
сотсиологияи идоракунии Академияи
идоракуниидавлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна

21.12.2023

Имзои Ғаниева Бунафша Ҷумабоевнаро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б

**Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33, тел: 904071600
E-mail: simin62@inbox.ru